**ТАСДИҚ МЕКУНАМ:**

**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**

**академики АИ ҶТ,**

**доктори илмҳои филологӣ, профессор**

**_____________ М.С.Имомзода**

**«_____» ______ соли 2019**

**Хулосаи**

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Диссертатсия дар мавзӯи «Ҷабҳаҳои ҳуқуқи танзими фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ» дар кафедраи ҳуқуқи соибкорӣ ва байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон иҷро карда шудаст.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Насрутдинзода Қиёмуддин Шовалӣ унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соибкорӣ ва байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт.

Насрутдинзода Қ.Ш. соли 1998 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси ҳуқуқшиноси байналмилалӣ хатм намуд.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтоҳоноти номзадӣ аз санаи 17 декабри соли 2019, № 3925 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Роҳбари илмӣ – Самадов Бахтиёр Одилҷонович номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия хулосаи зерин қабул гардид: Мубрамияти мавзӯъ бо он муайян мегардад, ки бо шарофати ба даст овардани Истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои ҳуқуқӣ ва

тавсеаи ҳамкориҳои судманду мутақобил бо кишварҳои рушдёфтаи иқтисодӣ, аз ҷумла ташкилоту созмонҳои бонуфузтарини байналмилалии тиҷоратию молиявӣ ба вуқӯъ пайвастанд. Ҷои асосиро дар фаъолияти иқтисоди хориҷӣ субъекти асосии он соҳибкор шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ, соҳибкорони инфиродӣ ишғол менамояд.

Моҳиятан фаъолияти иқтисоди хориҷӣ бо меҳвари асосии фаъолгардидаи соҳибкорӣ асоснок шуда, фаъолияти душвор, маҷмуавӣ ва таваккалии баланди субъекти хоҷагидорӣ мебошад. Фаъолияти иқтисодии хориҷӣ фаъолияти соҳибкории махсусест, ки дар соҳаи муносибатҳои савдои хориҷӣ, сармоягузорӣ, илмӣ-техникӣ, иттиҳодиявӣ, асъорӣ-молиявӣ, берун аз марзи кишвар асоснок ба амал бароварда шуда бо фоиданокӣ ва афзалияти бисёршумур ва дар муҳити байналмилалӣ ба амал бароварда мешавад.

Дар замони муосир бо дарназардошти муҳиммияти густариши муносибатҳои иқтисоди байналмилалӣ дар шароити ҳамгироии ҷаҳонишавӣ, масъалаи мазкур яке аз самтҳои афзалиятнок ва меҳварии сиёсати иқтисодии Тоҷикистонро ташкил медиҳад. Маълум аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли ҳар кадом давлат саъю кӯшиш дорад то дар низоми иқтисоди байналмилалӣ, савдо ва бозори ҷаҳонӣ ҳиссаи арзандаи худро дошта бошад. Маҳз сатҳ ва дараҷаи рушди фаъолияти иқтисоди хориҷии давлат, истеҳсоли молҳои рақобатпазир, роҳ ёфтан ба бозори фурӯши мол, иҷрои кор, хидматрасонӣ ва савдои байналмилалӣ, пеш аз ҳама таъмини некуаҳволии шаҳрвандон аз омилҳои асосӣ мебошанд, ки иқтидору тавоноӣ ва мавқеи ҳар як давлатро дар низоми муносибатҳои фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ ва бозори ҷаҳонӣ муайян месозанд.

Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол нисбат ба танзими ҳуқуқии фаъолияти иқтисоди хориҷӣ як зумра санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ таҳия ва қабул карда шудааст. Қонунгузории ҷорӣ бо хусусиятҳои худ ҷабҳаҳои гуногуни фаъолияти иқтисоди хориҷиро ба танзими ҳуқуқӣ фаро

гирифтааст. Зеро фаъолияти иқтисоди хориҷиро ҳамчун фаъолият нисбати рушди ҳамкориҳо бо давлатҳои дигар дар соҳаи савдо, иқтисодиёт, техника, илм ва маданият, сайёҳӣ ва ғайра, ҳам дар қонунгузорӣ, дар илми ҳуқуқӣ ифода менамоянд.

Фаъолияти иқтисоди хориҷии субъектони хоҷагидорӣ, ҳамчун худи фаъолияти соҳибкорӣ зери танзими ҳуқуқӣ, танзими давлатӣ қарор дорад. Ҷои асосиро дар ин самт субъекти асосӣ, соҳибкор, соҳибкорон ишғол менамоянд. Маҳз меъёрҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ муносибатҳоро ба танзим медарорад, ки бо алоқамандии таъсироти давлатӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи иқтисоди хориҷӣ пайдо гардидаанд. Меъёрҳои ҳуқуқӣ дар худ принсипҳои баамалбарории фаъолияти иқтисоди хориҷиро дарбар гирифта, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокчиёни онро муқаррар мекунанд.

Қайд кардан лозим мебошад, ки асосҳои ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷассум ёфтаанд. Аз мазмуни меъёрҳои сархати 3 моддаи 11-и Конститутсия фаҳмост, ки «Тоҷикистон вобаста ба манфиатҳои олии халқ метавонад ба иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ дохил шавад, аз онҳо бароянд, бо кишварҳои хориҷӣ робита намояд».

Вобаста ба рушди ҷабҳаҳои гуногуни фаъолияти иқтисоди хориҷӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон шаклҳои гуногуни моликият, баробарҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқии онҳо кафолатнок гардидааст (моддаи 12-и Конститутсияи ҶТ). Баробари ҳамин, давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорй, фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷиро кафолат додааст.

Аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, ҷабҳаҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ зери диққати доимии Ҳукумати Тоҷикистон қарор дошт ва дорад.

Дар шароити ҳамгироии байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати муҳимияти ҷабҳаҳои гуногуни фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 махсус ишораҳо шудааст. Чунончӣ, дар шароити ба қадри кофи рушднаёфтаи ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бизнес, мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар ҳамоҳангсозӣ ва бар дӯш гирифтани масъулият ҷиҳати таъмини рушди индустриалӣ ва инноватсиони иқтисодиёти миллӣ барои диверсификатсияи васеъ ва рақобатнокии он нақши пешбарандаро хоҳанд бозид.

Илова аз он, дар Стратегияи милли рушд ишора гардидааст, ки ба «Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои иқтисодиёти дарҳои кушода дар ноилшавӣ ба ҳадафҳои стратегӣ таҳдидҳои берунӣ ва дохилӣ метавонанда таъсир расонанд. Аз ҷумла, нокифоя будани самаранокии идоракунии давлатӣ дар раванди банақшагирии стратегӣ, ки ин имкониятҳои таҳия ва татбиқи сиёсатро дар самти рушди иҷтимоию иқтисодӣ маҳдуд месозад; нокифоя будани шароит барои фазои соҳибкорӣ, ки дар танзими барзиёд ва ғайрисамаранок, коррупсия, сарбории аз ҳад зиёди андозӣ ва душвориҳои маъмурикунонии андоз, сатҳи баланди монополизатсия, муҳофизати заифи ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ҳуқуқҳои соҳибкорон ифода меёбад; паст будани суръати тараққиёт ва сатҳи баланди фарсудашавии инфрасохтор, хусусан дар соҳаҳои нақлиёт, энергетика, коммуналӣ, ки ба рушди сармоягузорӣ, содирот ва рушди иқтисодиёт монеа эҷод мекунад; авҷ гирифтани рақобат байни кишварҳои рӯ ба тараққӣ барои захираҳои молиявӣ, ки дар шароити мавҷуд набудани низоми самараноки ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ рақобатпазирии байналмилалии иқтисодиёти Тоҷикистонро заиф мекунад ва ғайра».

Ҳамин тариқ, танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ҷабҳаҳои бисёри он муаммовӣ буда

мубрамияти худро гум накардааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли дигар кишварҳои рӯ ба муносибатҳои иқтисоди бозорӣ ниҳода зарурияи бурдани тадқиқотҳои илмӣ-амалиро пеш овардааст. Бо дарназардошти ин, таҳқиқи масъалаи мазкур аз лиҳози илми ҳуқуқи соҳибкорӣ ва ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ мубрам маҳсуб меёбад.

**Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Диссертатсия аввалин таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми ватании ҳуқуқи соҳибкорӣ ва ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ ба ҳисоб меравад, ки ба омӯзиш ва таҳлили ҳаматарафаи илмию амалии танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ бахшида шуда. Таҳқиқоти мазкур бо назардошти омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳои нави ватаниву хориҷии имлӣ-назариявӣ, сарчашмаҳои ҳуқуқӣ ба амал баровarда шудааст. Дар диссертатсия ба таҳлили мафҳуми фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ, хусусияти танзими ҳуқуқӣ, мавқеи ҳуқуқии субъектони фаъолияти иқтисоди хориҷӣ дар замони муосир, ҷабҳаҳои таъсироти давлатӣ дар татбиқи фаъолияти иқтисоди хориҷии соҳибкорон, татбиқи манфиатҳои миллӣ ҳамчун самти афзалиятнок дар фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди хориҷӣ аҳамияти зиёд дода шудааст. Дар диссертатсия нуқтаҳои илмӣ, ки навгонии илмии мавзӯи таҳқиқотро исбот менамоянд, пешбарӣ шудаанд.

Аз ҷониби муаллиф ба ҳимоя нуқтаҳои илмии зерин пешниҳод мегардад, ки онҳо навгонии таҳқиқоти диссертатсияро ифода месозанд:

1. Фаъолияти иқтисоди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои аввали 90-ум дар қонунгузорӣ ишора карда шудааст. Дар танзими ҳуқуқии фаъолияти иқтисоди хориҷӣ оид ба бавуҷудоӣ ва рушди соҳа дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон се давраро дарбар гирифтааст: якум, солҳои 1991-2000 - замони мустақилона муайян намудан ва

ташаккули қонунгузории соҳаи фаъолияти иқтисоди хориҷӣ; дуюм, солҳои 2000-2012 - рушди танзими хусусӣ-ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ; сеюм, солҳои 2012-то имрӯз - такомули қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ.

2. Фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ин фаъолияти тиҷоратии субъектони фаъолияти соҳибкорӣ буда, бо иштироки онҳо дар муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ алоқаманд мебошад. Дар қонунгузории ҷорӣ ишораҳои фаъолияти иқтисоди хориҷӣ пешбинӣ шуда бошад ҳам, аммо бидуни фаъолияти соҳибкорӣ ин фаъолиятро тасаввур карда намешавад. Таҳлили меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад, ки мафҳуми фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷй бо пуррагӣ муқаррар нагардидааст. Натиҷаи омӯзиш ва таҳлилҳои санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ҷорӣ оид ба мафҳуми фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хулосае меорад, ки мафҳуми ягона, бо ишораи «фаъолияти соҳибкории иқтисоди ҳориҷӣ» мустаҳкам гардида бошад. Зарурияти ҷой дода шудани мафҳуми фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар меъёрҳои қонунгузории ҷорӣ ба миён омадааст, тақозои замон мебошад.

3. Дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар танзими ҳуқуқӣ хусусиятнок мегардад:

1) бо ба миён омадан шартномаҳои анъанавии хариду фурӯш, шартномаҳои шакли нави байналмилалии муомилоти тиҷоратӣ (лизинг, франчайзинг, факторинг, агентӣ ва ғайра), аз ҷумлаи молу маҳсулот, хизматрасониҳо (бонкӣ, боркашонӣ ав ғайра) ва натиҷаҳои фаъолияти зеҳнй-маънавӣ ба муомилоти савдоӣ;

2) барҳам додани монеагиҳои маъмурӣ-ҳуқуқии ватанӣ бо воситаи ҳамгирошавии механизмҳои мавҷудаи ташкилотҳои байналмилалии ИДМ (Иттиҳоди давлатҳои Мустақил), СҲШ (Созмони ҳамкории Шанхай), СУС (Созмони умумиҷаҳонии савдо) ва ғайра;

3) ташкили низомҳои ҳуқуқии аҳдҳои фаъолияти иқтисоди хориҷии баробар барои кишварҳои аъзои созмонҳои байналмилалӣ.

Рушди фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ бо воситаҳои ҳуқуқӣ имконпазир аст: якум, бо ягонакунӣ (унификатсия) ва ҳамназдиккунонии (гармонизатсия) меъёрҳои ҳуқуқи граждании миллӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусии давлатҳои гуногун; дуюм, бо кодификатсиякунонии байналмилалӣ ва ягонакунонии анъанаҳои муомилоти тиҷорати байналмилалӣ; сеюм, бо баҳамназдиккунонии меъёрҳои ҳуқуқи оммавии миллӣ (маъмурӣ, молия, андоз, гумрукӣ, асъорӣ ва ғайра), ки аъзоёни ташкилотҳои байналмилалии иқтисодӣ уҳдадориҳоро оид ба мутобиққунонии қонунгузории фаъолияти иқтисоди хориҷии шахсони ҳукуқӣ (ташкилотҳои тиҷоратӣ) ва воқеии худро қабул намудаанд, бо қоидаҳои мавҷудаи ташкилотҳои байналмилалӣ.

4. Яке аз хусусияти муҳими татбиқи фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ ин бақайдгирии давлатӣ дар мақомоти анҷомдиҳандаи қайдгирӣ мебошад. Дар ин самт зарур ҳисобида мешавад, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» (аз соли 2009) қайди фаъолияти соҳибкорӣ, вобаста ба фаъолияти иқтисоди хориҷӣ тариқи ворид намудани тағйироту иловаҳо бо меъёрҳои дақиқ такомул дода шуда бошанд. Маҳз, пас аз ба расмиятдарории фаъолияти мазкур, инчунин ворид шудани маълумот дар Феҳристи ягонаи давлатӣ, шахс мақоми ҳукуқӣ ба даст оварда тамоми ҳуқуқҳои кафолатдодашударо амалӣ мегардонад.

5. Мақомоти қонунгузор бояд ба қонунҳои амал кардаистода, баҳри дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои асосии миллӣ, рушди ҳамарӯзаи соҳаи фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ тағйироту иловагиҳо ворид карда бошад. Аз ҷумла, ба қонунҳо оид ба танзими давлатии истеҳсол ва муомилоти баъзе намудҳои маҳсулоти нафт, муомилоти моводи таркандаи таъиноти гражданӣ, амнияти озуқаворӣ, минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва ғайраҳо, меъёрҳо нисбати татбиқи механизми ҳадафҳои рушди фаъолияти иқтисодии кишвар бояд асоснок мустаҳкам карда шаванд.

Ҳамчунин, амалияи замони муосир дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ, аз ҷумла дар танзими давлатии онҳо шаҳодат медиҳанд, қариб дар ҳама ҳолатҳо шартҳои пешбинигардидаи қонунгузории миллӣ, шартномаҳои байналмилалӣ бо мақсадҳои асосӣ душвор, «гӯё, кӣ» амалӣ гардонида мешаванд. Ба меъёрҳои қонунгузории ҷорӣ диққати мақомоти қонунгузор ҷиддӣ назар , карда шуда бошад. Аз ин ҷост, поквиҷдонӣ, одилонагӣ, ростқавлӣ дар меъёрҳои моддаи 10-и КГ ҶТ на он, ки «дар назар» дошта шуда бошад, балки тарафҳо «уҳдадор» бояд бошанд, мустаҳкам карда шавад.

6. Таъсироти давлатӣ дар амалияи фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар замони муосир бениҳоят васеъ мебошад ва қариб тамоми ҳастии ин соҳаро фаро гирифтааст. Ҳамгироии соҳаи фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо байналмилалӣ дар худ на танҳо таъсироти дохилиро, балки дигар давлатҳоро фаро гирифтааст.

Муаммовӣ боқӣ мондани ишораҳои қонунгузории ҷорӣ дар он инъикос мегардад, ки таъсироти давлатӣ нисбати фаъолияти соҳибкорон дар фаъолияти иқтисоди хориҷӣ нопурра ва дар як сатҳ байни гуруҳи шахсони муайяни манфиатдор, ба амал бароварда шуда истодааст.

Чунин омилҳои соҳаро ҷудо намудан зарур меояд: якум, иттилоот дар бораи квотакунонӣ тариқи огоҳнамоии оммавӣ дастнорас мебошад; дуюм, рақобати бовиҷдононаи фаъолияти соҳибкории субъектони иқтисоди хориҷӣ дар бозори дохилӣ шаффофона набуда аз тарафи мақомоти давлати ваколатдор ба таври зарурӣ ҳифз нагардида истодааст; сеюм, миқдори маҳсулоти пешбинишудаи квота дар иттилооти расмӣ дур ба назар менамояд, ё умуман дида намешавад; чорум, озодии воридкунанда ва содиркунанда дар интихоби кишвари таъинот имрӯз ҳам амалишавии шарти (принсип) демократикунониро тақозо менамояд.

Дар шароити имрӯза таъсироти давлатӣ бо мақсади рушди фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ маҳз бо пурзӯр намудани ҷавобгарӣ алоқаманд аст. Дар қонунгузории ҷорӣ муқаррар карда шудани ҷавобгарии шахсони мансабдори мақомоти ваколатдори давлатӣ, дар амал татбиқ намудани мубориза ҳар яки онҳо бо коррупсия бидуни унсурҳои хешутаборчигӣ, маҳалгарой ва пуштибонӣ зарур ва саривақтӣ мебошад.

7. Дар замони муосир оид ба алоқамандӣ бо фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ таъмини манфиатҳои миллиро аз рӯи чунин ҷабҳаҳои мухталиф ҷудо намудан мумкин мебошад. Якум, чунин ҳолати ҷамъиятест (давлат), ки дар натиҷаи ба миён омадани низоми иҷтимоии бухронӣ давлат ягонагӣ, тавоноӣ ва қобилияти самаранок фаъолиятбарӣ ва рушди худро нигоҳ медорад. Бо ин асос давлат имконияти ҳифз намуданро аз ҳама гуна таъсироти берунаю дохилӣ ба объектҳои пуриқтидори кишвар дошта бошад. Дуюм, имконияти ҳифз намудани муқаддасоти миллӣ аз ҳама гуна таҳдидҳои зараррасонӣ барои кишвар ва халқи он. Сеюм, эҳтимолияти вуҷуд доштан ва рушди босуботи кишвар. Ин ҳолати ҷамъиятест (давлат), ки дар он таъсирот ва

таҳдидҳои беруна ва дохила ба муқаддасоти миллӣ, тарзи ҳаёти солим, таъмини ҳифзи иҷтимоии миллӣ бартараф карда шудааст.

Ҳамин тариқ, имрӯз дар соҳаи фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ қуввае зарур аст, ки пешбаранда бошад, бо механизмҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ мусаллаҳ буда бомуваффақият пеш бурда тавонад. Албатта, низоми идоракунии давлатӣ дар ин қувва мавқеи асосиро ишғол намуда нақши ҳалкунандаро мебозад. Мусаллам аст, ки рушди фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ ва алоқамандии он бо таъмини манфиатҳои миллӣ зери қувва, сифати дипломатияро, ки ҳамчун омили асосӣ, муайянкунандаи кудрат ва тавоноии давлат бароманд мекунад, дар назар дорад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Корҳои илмӣ-назариявии олимон - ҳуқуқшиносони шӯравӣ, руссиягӣ ва ватанӣ, ба мисоли Диноршоҳ А. М., Дмитриева Г. К., Ефремова Н. А., Занковский С. С, Иванов И. Н., Исмоилов Ш. М., Қурбонов Қ. Ш., Маҳмудзода М. А., Менглиев Ш., Нодиров Ф. М., Одинаев А. Ш., Олейник О. М., Разоққов Б. Х., Раҳимзода М. 3., Раҷабов М. Н., Самадов Б. О., Сангинов Д. Ш., Сотиволдиев Р. Ш., Шевченко Б. И., Усмонов О. У., Ҳабибов С. Ҳ., Ҷамшедов М. Ҷ. ва дигарон ташкил медиҳанд.

**Заминаи меъёрии дисеертатсия**. Заминаи меъёрӣ-ҳуқукии рисолаи илмиро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, кодексҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, стратегия, консепсия ва барномаҳои давлатй ташкил медиҳанд. Ҳамчунин дар рисола меъёрҳои қонунгузории кишварҳои хориҷа, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи фаъолияти иқтисоди хориҷӣ истифода гардидаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар оянда заминаи таҳлили илмии масъалаҳои «иқтисоди хориҷӣ», «фаъолияти соҳибкории иқтисодии хориҷӣ», «субъектҳои фаъолияти соҳибкории иқтисодии хориҷӣ», «самтҳои афзалиятноки фаъолияти соҳибкории иқтисодии хориҷӣ», «ҳамгирои байналмилалӣ» гардад. Онҳо метавонанд ба самаранокии фаъолияти соҳибкории иқтисодии хориҷӣ дар кишвар, ба татбиқи сиёсати ҳуқуқии муваффақи фаъолияти соҳибкорӣ ва раванди такмили қонунгузории ҶумҳурииТоҷикистон дар бахши ҳуқуқи соҳибкорӣ ва ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ истифода шаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиниро метавонад дар раванди таълим, аз ҷумла зимни омӯзиши фанҳои таълимии ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ, ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи мурофиаи байналмилалии гражданӣ ва дигар фанҳои тахассусӣ, инчунин дар рафти навиштани корҳои илмӣ, магистрӣ, дипломӣ, диссертатсияҳо, такмили раванди таҳсилоти ҳуқуқшиносӣ, омода намудани кадрҳои баландихтисоси ҳуқуқшинос ва баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии мақомоти судӣ, нотариус, андоз,гумрук ва ғайра истифода кард.

Аммо дар ҶТ то ҳол таҳқиқоти диссертатсионии вижа дар ин самт анҷом дода нашудааст. Аз ҷумла аксарияти ҷанбаҳои масоили фаъолияти соҳибкорони иқтисодии хориҷӣ, ки таҳқиқ ва танзими махсусро талаб менамоянд, ҳанӯз коркард нашудаанд. Диссертатсияи мазкур ба бартараф намудани ин камбудӣ дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон равона гардидааст.

**Тасвиби натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ**. Рисолаи мазкур дар кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардида, дар ҷаласаи он муҳокима ва ба ҳимоя тавсия карда шудааст. Хулоса, натиҷа ва нуқтаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои нашргашта инъикос ёфтаанд.

Оид ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсия муаллиф дар чандин семинар, конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ

ва байналмилалӣ бо маърӯзаҳо баромад намудааст. Чунончи: конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон «Рушди соҳибкорӣ дар замони муосир: муаммоҳо ва роҳҳои ҳалли он» (ш. Хуҷанд, 18-19 октябри соли 2018), конференсияи байналмилалии илмӣ-методии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон «Масоили мубрами илми ҳуқуқшиносии муосир ва роҳҳои ҳалли онҳо: назария ва амалия» (ш. Хуҷанд, 29-30 ноябри соли 2018), IV Конференсияи байналмилалии илмии Донишгоҳи давлатии нафту гази Русия, хониши гуманитарии Губкин «Глобальные риски цифровой зпохи и образы будущего» (ш. Маскав, 4-5 апрели соли 2019) ва ғайра.

Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ, инчунин дар таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тағйиру иловаҳо ба он тасдиқ карда мешавад. Ҳамзамон тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад. Нуктаҳо ва хулосаҳои диссертатсия бо далелҳои муътамади таърихӣ, адабиёти илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҷрибаи судӣ асоснок карда шудаанд. Онҳо дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Диссертатсия ба ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мувофиқ аст. Оид ба мавзӯи диссертатсия 7 мақолаҳои илмии муаллиф, аз ин шумора 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттетстатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст, ки ҳаҷми умумии 1,2 ҷузи чопиро ташкил намуда, пурра мазмуни корро инъикос менамоянд.

Таҳқиқоти диссертатсионии ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст.

Диссертатсияи Насрутдинзода Қиёмуддин Шовалӣ дар мавзӯи «Ҷабҳаҳои ҳуқуқи танзими фаъолияти соҳибкории иқтисоди хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии байналмилалӣ» ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ тавсия карда мешавад

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул шуд.

Дар ҷаласаи кафедра 12 нафар аъзои кафедра иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 12 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест. Суратмаҷлиси № 5 аз 21 декабри соли 2019.

**Раисикунанда:** **Раҷабов М.Н.**

**Мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент**

**Имзои Раҷабов М.Н.-ро тасдиқ мекунам. Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э.Ш.**